**Бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2012 таҳти № 1.3 тасдиқ карда шудааст.**

# ТАРТИБИ
## ҷалб намудани экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ дар гузаронидани чорабиниҳои назоратии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тартиби мазкур мутобиқ ба талаботи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуда, муносибатҳои алоқаманд ба ҷалб намудани экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатиро дар гузаронидани чорабиниҳои назоратии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Муқаррарот ва истилоҳоти тартиби мазкур ба муқаррарот ва истилоҳоти дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифодашуда мувофиқат мекунад.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулоса оид ба лоиҳаи буҷети давлатӣ ва иҷрои он, мусоидат ба назорати истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, идоракунии захираҳои давлатӣ, арзёбии татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши молияи давлатӣ ва истифодабарии моликияти давлатӣ, гузаронидани ташхиси мустақили барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва дигар чорабиниҳои назоратӣ, ҳуқуқ дорад экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатиро ҷалб намояд.

1.2. Мақсади Палатаи ҳисоб аз ҷалб намудани экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ, ин аз гирифтани хулосаҳои асоснок оиди мувофиқат намудани сифат, нарх, ҳаҷм ва намуди мол, кор ва хизматрасониҳо бо меъёрҳои муқарраргардида, баҳогузории холисонаи барномаҳои мақсадноки умумидавлатӣ, барномаҳои давлатии сармоягузорӣ ва мутобиқати онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва такмили меъёрҳои гузаронидани чорабиниҳои назоратӣ ва ташхисӣ-таҳлилӣ, иборат мебошад.

1.3. Палатаи ҳисоб барои амалӣ намудани ин мақсадҳо ҳуқуқ дорад ташхиси ҳуқуқӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, техникӣ, экологӣ ва дигар намудҳои ташхисро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронад.

**2. Муайян намудани сатҳи касбӣ, интихоб ва ҳолатҳои ҷалби экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ**

2.1. Эксперти мустақили беруна метавонад шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, дорои ихтисоси зарурӣ, таҷрибаи кофии корӣ, инчунин иҷозатномаи дахлдор (агар чунин иҷозатномаро қонунгузорӣ талаб намояд) бошад.

2.2. Мутахассиси мақомоти давлатӣ корманди мақомоти давлатии дахлдор буда, бояд дорои ихтисоси зарурӣ бошад.

2.3. Интихоби эксперти мустақили беруна аз ҷониби комиссияи Палатаи ҳисоб, ки бо ин мақсад таъсис дода мешавад, баъд аз 5 рӯзи корӣ аз интишори эълон дар воситаҳои ахбори омма, ба амал оварда мешавад. Дар сурати баъди интишори эълон аз ҷониби комиссияи Палатаи ҳисоб интихоб нашудани эксперти мустақили беруна, инчунин ба миён омадани масъалаҳое, ки ҳалли онҳо чораҳои таъхирнопазирро талаб мекунад, Палатаи ҳисоб метавонад интихоби эксперти мустқили берунаро дар доираи салоҳияти худ, амалӣ намояд.

2.4. Интихоби мутахассиси мақомоти давлатӣ дар асоси дархости Палатаи ҳисоб аз тарафи роҳбари мақомоти давлатии дахлдор амалӣ карда мешавад. Дар дархост оиди ба ихтиёри Палатаи ҳисоб ҷудо намудани мутахассис, мавзӯъ ва мӯҳлати гузаронидани ташхис нишон дода мешавад.

2.5. Палатаи ҳисоб экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатиро дар ҳолатҳои зерин ҷалб менамояд:

- пеш омадани зарурияти дастрас намудани хулосаи мутахассиси касбии соҳаи муайян;
- пеш омадани зарурияти гузаронидани ташхиси мустақил;
- ба вуҷуд омадани ҳолатҳои баҳсталаб байни Палатаи ҳисоб, ташкилоти санҷидашаванда ва дигар тарафҳои манфиатдор.

**3. Салоҳияти Палатаи ҳисоб, экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ.**

3.1 Ҳангоми ҷалби экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ Палатаи ҳисоб вазифадор аст:

- феҳристи масъалаҳоеро, ки бояд ба онҳо ҷавобҳои асоснок дода шавад, муайян намояд;
- мӯҳлати гузаронидани ташхисро муқаррар намояд;
- аз рӯи натиҷаҳои ташхис тариқи хаттӣ хулоса талаб намояд;
- агар ҳисоб кунад, ки ташхиси аввала нопурра, номукаммал ва нокифоя аст, гузаронидани ташхиси иловагиро талаб намояд;
- махфияти ахборотеро, ки дар рафти гузаронидани ташхиси мустақил маълум шудааст, талаб намояд;
- рафти гузаронидани ташхисро назорат намояд.

3.2. Палатаи ҳисоб бо мақсади тағйир додани рафти ташхис ва натиҷаҳои он наметавонад ба экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ таъсир расонад.

3.3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Палатаи ҳисоб ва экспертҳои мустақили беруна, андоза ва тартиби пардохти ҳаққи хизмати онҳо тариқи шартнома муқаррар карда мешавад.

**4. Ҷавобгарии экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ.**

4.1. Экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ сифатнок ва саривақт гузаронидани ташхис, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои барои ташхис пешниҳодгардида ва риояи махфияти онро таъмин менамоянд.

4.2. Экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ барои ташхиси гузаронидашуда ва риояи талаботи шартнома мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

**5. Хулосаи ташхисӣ**

5.1. Хулосаи ташхис дар шакли хаттӣ, асоснок, босифат, холисона ва дар мӯҳлати муқарраргардида тартиб дода шуда, аз ҷониби эксперт ба имзо расонида мешавад. Ба хулосаи ташхис маводи ҷамъовардашуда замима карда мешавад.

**6. Пардохти ҳаққи хизмати экспертҳои мустақили беруна ва мутахассисони мақомоти давлатӣ.**

6.1. Ҳаққи хизмати мутахассисони мақомоти давлатӣ ба истиснои хароҷотҳои вобаста ба сафари хизматӣ пардохт карда намешавад.

6.2. Андозаи ҳаққи хизмати экспертҳои мустақили беруна набояд камтар аз музди меҳнати корманди касбии Палатаи ҳисоб бошад.

6.3. Андозаи ниҳоӣ, тартиб ва мӯҳлати пардохти ҳаққи хизмати экспертҳои мустақили беруна ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ бо қарори Ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб муайян карда мешавад.

**Намуна**

**Шартномаи №___**
**оиди ҷалби эксперти мустақили беруна**

шаҳри Душанбе _____________ соли 201_

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд - «Фармоишгар», дар шахси Раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ______________ аз як тараф, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" амал мекунад ва аз тарафи дигар эксперти мустақили беруна ________________ минбаъд «Иҷрокунанда», ки дар асоси Иҷозатнома таҳти №___ аз __________ амал мекунад, шартномаи мазкурро оид ба масъалаҳои зерин ба имзо расониданд:

## 1. Мавзӯи шартнома

1.1. Иҷрокунанда бо супориши Фармоишгар дар объекти ____________________________________________________________________
оид ба (дар мавзӯи) ____________________________________________________
________________________________________________, ташхис мегузаронад.

## 2. Арзиши хизматрасонӣва тартиби пардохти маблағи он

2.1 Барои хизматрасонӣ тибқи шартномаи мазкур, Фармоишгар дар доираи тартиби муайяншуда ба Иҷрокунанда ____________ сомонӣ пардохт мекунад.

2.2. Дар сурати ба миён омадани зарурияти хароҷотҳои иловагӣ вобаста ба гузаронидани ташхис, хароҷотҳо аз ҷониби Фармоишгар тибқи шартномаи иловагӣ пардохт карда мешавад.

2.3. Фармоишгар пардохти маблағи хизматрасониро дар муддати 2 рӯз баъд аз рӯзи қабули хулосаи экспертӣ, ба амал меорад.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо

3.1. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

3.1.1. Аз Иҷрокунанда мутобиқи шартҳои шартномаи мазкур пешниҳод намудани хулосаи экспертиро талаб намояд.

3.1.2. Рафти гузаронидани ташхисро назорат намояд.

3.1.3. Дар ҷараёни гузаронидани ташхис, ба фаъолияи эксперт дахолат накунад.

3.2. Фармоишгар ӯҳдадор аст:

3.2.1. Мувофиқи талаботи банди 1.1 шартномаи мазкур Иҷрокунандаро бо мавзӯъи ташхис, макон ва мӯҳлати пешниҳоди хулосаи экспертӣ шинос намояд.

3.2.2. Дар иҷрои ӯҳдадориҳои мувофиқи шартномаи мазкур ба зиммаи Иҷрокунанда гузошташуда, мусоидат намояд.

3.2.3. Хулосаи экспертиро аз Иҷрокунанда қабул намояд.

3.2.4. Маблағи хизматрасониро ба Иҷрокунанда мутобиқи шартҳои шартномаи мазкур пардохт намояд.

3.3. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:

3.3.1. Аз Фармоишгар пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маводҳои барои ташхис заруриро талаб намояд.

3.3.2. Дар суратии зиёд будани ҳаҷми кор аз фармоишгар пешпардохтро ба андозаи 40 фоиз ва баъди анҷоми кор пардохти пурраи маблағи хизматашро талаб намояд.

3.4. Эксперт ӯҳдадор аст:

3.4.1. Иҷрокунанда гузаронидани ташхисро пас аз рӯзи ба имзо расидани шартнома оғоз карда, хулосаи экспертиро дар муҳлати ______ рӯз, ба Фармоишгар пешниҳод намояд.

3.4.2. Ташхисро мутобиқи шартҳои шартномаи мазкур гузаронад.

3.4.3. Маълумоти сирри махфидоштаро, ки дар рафти гузаронидани ташхис шинос шудааст, фош насозад.

3.4.4. Фармоишгарро дар бораи ҳолатҳое, ки барои гузаронидани ташхис монеа мешаванд, хабардор намояд.

3.4.5. Баъди анҷоми корҳои ташхисӣ, Фармоишгарро ба мазмуни хулосаи экспертӣ шинос намояд.

## 4. Тартиби супоридан ва қабул намудани натиҷаи ташхис

4.1. Дар мӯҳлати пешбининамудаи банди 3.4.1 шартнома Иҷрокунанда хулосаи экспертиро ба Фармоишгар месупорад ва Фармоишгар онро қабул менамояд. Агар бо гузашти 10 рӯз аз лаҳзаи пешниҳоди хулосаи экспертӣ аз ҷониби Фармоишгар раддияи асоснок оиди қабули хулосаи экспертӣ ворид нагардад, ӯҳдадориҳои Иҷрокунанда дар назди Фармоишгар пурра иҷрошуда ҳисобида мешавад.

4.2. Бартарафкунии камбудиҳои ошкоргардида, ки барои онҳо Иҷрокунанда ҷавобгӯй мебошад, дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯз аз лаҳзаи гирифтани даъвои асоснок, амалӣ карда мешавад.

4.3. Қабул намудани хулосаи экспертӣ аз ҷониби Фармоишгар, тариқи тартиб додани санади алоҳида амалӣ карда мешавад.

## 5. Масъулияти Иҷрокунанда барои пешниҳоди хулосаи экспертӣ

5.1. Иҷрокунанда барои риоя накардани тартиби гузаронидан, муҳлати оғоз ва анҷоми ташхис, дар хулосаи экспертӣ овардани

маълумотҳои нодуруст ва ғайрихолисона ва барои фош кардани маълумоти сирри махфидошта, масъул мебошад.

## 6. Шартҳои иловагӣ

6.1. Ҳамаи баҳсҳо ва мухолифатҳо дар доираи шартномаи мазкур бо роҳи гуфтушунид баррасӣ карда шуда, дар ҳолати норозигии тарафҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

6.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, аз рӯзи ба имзо расидан амалӣ карда мешавад. Як нусхаи шартнома ба Фармоишгар ва нусхаи дуюм ба Иҷрокунанда дода мешавад.

| | |
|---|---|
| Фармоишгар: Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Иҷрокунанда:_______________ |
| Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ___ | ____________________________ |
| Суратҳисоби бонкӣ: __________ | Шиноснома:________________ |
| ____________________________ | ____________________________ |
| ____________________________ | Суроға:______________________ |
| | ____________________________ |
| | РМА_______________________ |